Барои ҳифзи Ватан, таҳкими Истиқлолият
ва амнияти миллӣ тайёрем!

Родмардон

№6 (195)
30 июни соли 2022

Нашрияи тарбияи ҳарбию ватанпарастии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Фарҳанги сулҳ беҳтарин неъмат ва волотарин дастоварди миллати тоҷик мебошад, ки рисолати инсондӯстию фарҳангпарвариро дар тӯли асрҳо пуштибонӣ намудааст.

Эмомалӣ Раҳмон

ПАЁМИ ШОДБОШИИ

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 25-солагии Рӯзи ваҳдати миллӣ 26.06.2022, шаҳри Душанбе

Ҳамватанони азиз!

Дар таърихи ҳар як халқу миллат воқеаҳое рӯй медиҳанд, ки ҳамчун маҳсули ақлу хиради ҳамон миллат барои пойдории давлат аҳаммияти бузурги ҳаётӣ дошта, ба наслҳои минбаъда ҳамчун чароғи ҳидоят хизмат мекунанд.

Барқарор гардидани сулҳу субот ва расидан ба ваҳдати миллӣ барои миллати тоҷик аз ҷумлаи ҳамин гуна рӯйдодҳои таърихӣ мебошад, ки имрӯзҳо 25-солагии он дар кишвари маҳбубамон таҷлил мегардад.

Ба ин муносибат ҳамаи шумо – мардуми азизи Тоҷикистон ва ҳамватанони бурунмарзиро самимона табрик мегӯям.

Дар ибтидои солҳои навадуми асри гузашта бар асари фитнаву дасисаи хоинони миллати тоҷик ва бадхоҳони давлати тоҷикон мардуми Тоҷикистони соҳибистиқлол ба гирдоби ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гирифтор гардиданд, ки дар натиҷаи он ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат ба бухрони фоҷиабор рӯ ба рӯ шуданд.

Хатари бузургтарине, ки дар он айёми вазнин ба миён омада буд, эҳтимоли парокандa гардидани миллати тоҷик ва аз харитаи сиёсии ҷаҳон нест шудани давлати ҷавони тоҷикон буд.

Чунин шароити бисёр душвор ва вазъи хатарбор фарзандони содиқу ватандӯст ва огоҳу бедордили миллатро водор намуд, ки барои пешгирӣ кардани ин раванди хатарнок ва дар навбати аввал, даъват кардани иҷлосияи Шӯрои Олӣ – ягона мақоми босалоҳияти он рӯзҳо иқдомоти ҷиддиро роҳандозӣ намоянд.

Иҷлосияи шонздаҳуми таърихии Шӯрои Олӣ, ки соли ҷорӣ аз санаи баргузории он сӣ сол сипарӣ мегардад, аввалин санадҳои сарнавиштсоз – қатъи ҳарчи зудтари ҷангу хунрезӣ, барқарорсозии ҳокимияти конституционӣ ва фаъолияти сохторҳои фалаҷшудаи ҳокимияти давлатӣ, ба Ватан баргардонидани гурезаҳо ва дигар қарорҳои барои он рӯзҳо муҳимтарин ва таъҷиливу тақдирсозро қабул кард.

Бо ҳамин роҳ мо аввалин қадамҳоро ба сӯйи ҳамдигарфаҳмиву ризоияти миллӣ гузошта, барои таъмин намудани ваҳдати миллӣ заминаи мусоид фароҳам овардем.

Дар робита ба ин, таъкид менамоям, ки маҳз ба шарофати қабул ва амалӣ гардидани қарорҳои Иҷлосияи шонздаҳум барои барқарорсозии сулҳу субот, ташкили рукнҳои давлати соҳибихтиёри демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ, гузоштани заминаҳои ташаккули ҷомеаи озоди шаҳрвандӣ, низоми ҳуқуқии адолатпеша ва оғоз намудани барномаҳои пешрафти иқтисодиву иҷтимоӣ шароити зарурӣ муҳайё карда шуд.

Баъдан раванди музокироти байни тоҷикон оғоз гардид, ки дар кишварҳои гуногуни минтақа ва ҷаҳон беш аз чор сол идома пайдо кард.

Гуфтушунидҳои тӯлонӣ барои сулҳ 27-уми июни соли 1997 дар шаҳри Москва бо имзои санади тақдирсоз – Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон анҷом ёфтанд.

Вобаста ба ин, мехоҳам як воқеияти таърихиро, ки борҳо гуфтаам, бори дигар таъкид намоям.

Воқеият ин аст, ки майлу ирода, саъю талош, таҳаммулгароӣ ва хиради азалии миллати тамаддунсозу фарҳангсолори тоҷик ва тафаккури созандаву рӯҳи шикастнопазири халқи Тоҷикистон муҳимтарин омили расидан ба сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ мебошад.

Ман ин суханонро ҳамеша бо ифтихор аз мардуми қаҳрамони тоҷик ба забон меоварам.

Вале дар айни замон мо бояд як нуктаи муҳимро ҳаргиз фаромӯш накунем, ки сулҳу оромӣ арзишмандтарин неъмати ҳаёти мост ва ҳифз кардану пойдор нигоҳ доштани он вазифа ва қарзи муқаддаси ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон мебошад.

Зеро сулҳу оромӣ ва ваҳдати миллӣ барои мо арзишҳои ҳаётан муҳимме мебошанд, ки ба шарофати онҳо мардуми Тоҷикистон ҳоло ба хотири ободии Ватан, пешрафти давлат, амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии миллӣ ва осоиши ҳар як хонадон сарҷамъу аҳлона заҳмат мекашанд.

Имрӯз мардуми мо хуб дарк мекунанд, ки зиндагии осудаву ороми ҳар як оила, амалӣ гардидани нияту орзуи ҳар як шаҳрванд, ободии Ватан ва пешрафти давлат танҳо дар сурати пойдор будани сулҳу суботи комил имкон дорад.

Ҳамчунин, ба ҷо овардани фаризаҳои динӣ низ, ки ҷузъи муҳимми зиндагии мардуми мусулмони мо ба шумор мераванд, фақат дар шароити таъмин будани амният, сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ муяссар шуда метавонад.

Дар ин раванд, дар хотир бояд дошт, ки хоинону бадхоҳони давлату миллати мо – онҳое, ки манфиатҳои милливу давлатиро қурбони нафс кардаанд ва имону виҷдони худро ба хоҷаҳои хориҷиашон фурӯхтаанд, ҳанӯз ҳам аз нияту нақшаҳои ғаразноки худ даст накашидаанд.

Аз ин лиҳоз, мо бояд ҳамеша дар фикри ҳимояи сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ бошем, зиракии сиёсиро аз даст надиҳем ва дар ғафлат намонем.

Қобили зикр аст, ки таҷрибаи сулҳи тоҷикон ва таъмин намудани ваҳдати миллӣ на танҳо омили наҷоти миллати тоҷик гардид, балки ҳамчун як сабақи омӯзандаи таърихӣ ва таҷрибаи нодири ҳалли мухолифату низоъҳо аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ эътироф карда шуд.

Аҳаммияти сулҳу оромӣ дар замони муосир ва хусусан, солҳои охир, ки инсоният бо мушкилоти ниҳоят сахту сангин рӯ ба рӯ гардидааст, торафт боло меравад.

Илова ба пайомадҳои вазнини тағйирёбии глобалии иқлим, аз ҷумла камобӣ, хушксолӣ, нарасидани маводи ғизоӣ, болоравии нархи маҳсулоти озуқа дар тамоми ҷаҳон ва паҳншавии беморӣҳои сироятӣ, мушкилоти амниятӣ, аз қабили вусъати бесобиқаи таҳдиду хатарҳои муосир – терроризм, ифротгарӣ, радикализми динӣ, қочоқи силоҳ, маводи мухаддир, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ имрӯз зиндагии аҳли башарро бисёр ноорому нобасомон ва тоқатфарсо гардонидаанд.

Дар чунин шароити ниҳоят ҳассоси ҷомеаи башарӣ, яъне торафт мураккаб гардидани авзои сиёсиву иқтисодии ҷаҳон ва печида гардидани раванду тамоюлҳои ҷаҳонишавӣ ҳифзи сулҳу суботи ҷомеа ва таҳкими ваҳдати миллӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муқаддаси ҳар як фарди бонангу номуси миллат ба шумор меравад.

Тамоми афроди ҷомеа – аз хурд то бузург бояд ба қадри аҳаммияти ҳаётии сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ расанд ва ин неъмати бебаҳоро баробари дастоварди бузургтарини таърихи навини кишвари азизамон, яъне истиқлолу озодӣ чун гавҳараки чашм эҳтиёт ва ҳифз намоянд.

Вазифаи бисёр муҳимми мақомоти давлатӣ, олимону зиёиён, аҳли адаб ва кормандони воситаҳои ахбори умум, падару модарон ва тамоми ҷомеа дар ин самт тарбия кардани насли худогоҳу худшинос, содиқ ба миллату давлати худ ва ватандӯсту ватанпараст мебошад.

Мову шумо бояд сарзамини зебои худро сидқан дӯст дорем, ба қадру қимати Ватану ватандорӣ расем ва шукронаи сулҳу амнияти кишвар ва ваҳдати миллиро ҳамеша ба ҷо оварем.

Вусъат бахшидани заҳмати созандаву бунёдкорона ба хотири ободии Ватани маҳбубамон – Тоҷикистон ва пешрафти давлати соҳибистиқлоламон вазифаи ҳар яки мо – соҳибони Ватан мебошад.

Бо ибрози нияту орзуҳои нек мардуми шарифи Тоҷикистон ва ҳамватанони бурунмарзиро бори дигар ба ифтихори Рӯзи ваҳдати миллӣ самимона табрик мегӯям.

Бигзор, дар сарзамини куҳанбунёди тоҷикон ваҳдати миллӣ, сулҳу амнийт, файзу баракат ва хушбахтиву осудаҳолӣ абадӣ ҳукмрон бошад!

Ҳамеша хонаободу сарбаланд бошед, ҳамватанони азиз!

Таърихи давлатсозии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон

Аз ҳамоиши ходимони давлатӣ ва хизматчиёни ҳарбӣ дар Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

23 - юми июни соли 2022 бо ташаббуси масъулини Кумитаи иҷроияи Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ва Раёсат оид ба корҳои сиёсӣ тарбиявии фармондеҳии Гвардияи миллӣ ҳамоиш баргузор гардид, ки дар он Фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-лейтенанти гвардия Ҷамолзода Бобоҷон, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шарофзода Гавҳар, Раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе Мирзозода Иброҳим, мудири кафедраи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ ба номи Баҳовиддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон доктори илмҳои сиёсатшиносӣ, профессор Муродов Субҳон ва Раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Сино Файзуллозода Зарина иштирок ва суханронӣ намуданд.

Нахуст муовини фармондеҳи Гвардияи миллӣ оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ меҳмононро хайрамақдам гуфта, риштаи суханро ба ташаббускори чорабинӣ Файзуллозода Зарина дод. Мавсуф мақсаду моҳияти ҳамоишро баён намуда, таъкид кард, ки 25- солагии Вахдати миллӣ ҷашни бошукӯҳи мардуми Тоҷикистон аст. Кумитаи иҷроияи Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Сино барои таҷлили он нақшаи чорабиниҳоро омода кардааст, ки яке аз он имрӯз дар Гвардияи миллӣ, бо муҳофизони марзу бум, ҳомиёни сулҳу суботи ҷомеа ва музаффариятҳои Истиқлоли давлатӣ баргузор мегардад. Барои ибрози андеша сухан ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шарофзода Гавҳар дода шуд. Номбурда аз таърихи навини тоҷикон, ки бо муборизаву озодихоҳӣ, ҷанги таҳмилӣ, маҳалгароӣ, гурӯҳсозиву созмонбозӣ оғоз гардид, маълумот дода, дар баробари ин аз саҳми арзандаву бесобиқаи Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ, Пешвои миллат -Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёдовар шуданд. Даврахои музокиротро паси сар карда, талабу шартҳои оппозитсиони вақтро хирадмандонаву дурандешона пазируфтанд ва ҳамин заковати азалии Пешвои миллат буд, ки имрӯз миллати сарбаланди тоҷик аз дастовардҳои беназири истиқлол истифода мебарад.

Шарофзода Гавҳар ҳамчунин аз талафоти мардуми Тоҷикистон, хисороти ҷанги шаҳрвандӣ далелҳо оварда, қайд кард, ки бисёр деҳаҳои ҷануби кишвар ба харобазор табдил ёфтанд, ҳазорон манзил, роҳу кӯпрукҳо, биноҳои маъмурӣ, муассисоти маориф, фарҳанг ва тиб вайрон шуданд. Теъдоди паноҳандагон дар кишвар ба 850 ҳазор нафар расида буд. Аз ин 600 ҳазор нафарашон дар худи дохили ҷумҳурӣ ҷои зисти хешро тағйир дода, зиёда аз 60 ҳазор нафар ба Афғонистон, 195 ҳазор нафар ба Руссия, Украина, Белорус, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Туркманистон ва мамолики дигар фирорӣ шуданд. Аз беҳокимиятӣ истифода карда, ғорат, роҳзаниву дуздӣ авҷ гирифт. Силоҳ ба дасти мардум расид. Бародарони ҳамхун дар ду сангар камин гирифтанд. Хулас, бесарусомонӣ ба авҷи аъло расид ва акнун гап сари ҳаёту мамоти миллат, будан ва ё набудани давлате ба ном Тоҷикистон мерафт. Ба ҳамаи ин бенизомиву номуайянӣ Иҷлосияи 16 Шӯрои Олӣ ва дар он Раиси Шӯрои Олӣ интихоб шудани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нуқта гузошт. ***«Ман огози кори худро аз сулҳ сар хоҳам кард. Ба Шумо сулҳ меорам»*** Ин суханон умеди ҳазорон тоҷик барои ҳаёти осоишта гардид.

Дар суханронии худ Раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе Мирзозода Иброҳим аз давлатдориву давлатсозӣ сухан гуфта, таъкид кард, ки дар ҷаҳон чунин пешвоён, лидерҳо каманд, ки барои Ватану миллати худ аз ҳама чиз, ҳатто аз ҷонашон мегузаранд. Дар ин радиф мавсуф бузурггуфтаҳои шахсиятҳои шинохтаи ҷаҳонро дар бораи ҷасорату мардонагӣ, ватандориву давлатсозӣ, хирадмандиву дурандешӣ ва дигар сифатҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон манзури ҳозирин намуданд, ки хеле ҷолибу таъсирбахш буд.

Ҳамчунин дар идомаи ҳамоиш доктори илмҳои сиёсатшиносӣ, профессор Муродов Субҳон ба сухан баромада, дар бораи консепсияи давлати миллӣ маърӯзаи пурмуҳтавои худро манзури иштирокчиён намуд.

Ҳамоишро Фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъбаст намуд. Барои ташриф ба меҳмонон изҳори сипос намуда, таъкид карданд, ки дар боби ватандӯстӣ, худшиносиву ифтихор доштан аз ниёгон мо бояд пайрави Пешвои миллат бошем. Вазъи имрӯзаи ҷаҳонро таҳлил карда, боз ҳам аз суханони Сарвари давлат иқтибос оварданд, ки ***«… сулҳу суботи ва вахдати миллӣ барои мо- тоҷикон ҳамчун арзишҳои бисёр азизу муқаддас аҳамияти калидӣ доранд ва ҳифзу таҳкими онҳо вазифаи ҷониву имонии ҳар як шаҳрванди бонангу номуси Тоҷикистон мебошад».***

Ҳифзу мудофиаи дастовардҳои Истиқлоли давлатӣ вазифаи ҷонӣ, қарзи фарзандии ҳар яки мост.

Дар охир аз ҷониби ҳунармандони шуъбаи фарҳанги ноҳияи Сино дастагули консертӣ, ки аз суруду таронаҳои дилангез мураттаб гардида буд, пешниҳоди сарбозон карда шуд.

Полковники гвардия
Хайринисо КОМИЛЗОДА

Кист ӯ шоистаи таҳсин !?

Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯги субҳи доной китоб аст» таҳти сарпарастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дарёфти чеҳраҳои нави суханвару сухандон, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ ва фаъолгардонии доираи забондонӣ миёни қишрҳои мухталифи ҷомеа доир мегардад. Қобили зикр аст, ки соли гузашта ду сарбози Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон голиби озмуни мазкур гардиданд. Агар касе аз Шумо ва ё фарзанди Шумо чунин истеъдод дошта бошад, пас ӯ шоистаи таҳсин ва муаррифӣ аст. Айни замон сарбози қатории гвардия Давлаталӣ Амриддиновро ба Шумо муаррифӣ менамоем.

Ватан дар қалб аст

Сарбози қатории гвардия Давлаталӣ Амриддинов аз комиссариати ҳарбии ноҳияи Айнӣ ба хизмат пайваста, дар қисми ҳарбии 051052-и Гвардияи миллӣ адои хизмати Модар-Ватан дорад. Ӯ аз хурдӣ ба мутолиаи осори шоирони классик рағбати зиёд дорад. Ин муҳаббат ӯро ба эҷод кардани мисраҳову таронаҳо водор кардааст. Даъвои шоирӣ надорад, вале гоҳ-гоҳ ибораву калимаҳои зеборо қофиабандӣ мекунад. Мегӯяд, ки аввалин байтҳоро бо номи Модару Тоҷикистон рӯи қоғаз овардам. Аз ӯ сабаб пурсидем, чунин ҷавоб гуфт:

-муҳаббати Ватан дар қалб, дар хун бо аллаҳои Модар ҷой мешавад ва то абад аз ин макон берун намеравад, чунки мисли модару аллаҳояш ширин, нотакрор, ягонаву муқаддас аст.

ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон хоки ту пур аз зар аст,
Чашмасорат ҳамчу шири Модар аст.

Дар бари ту растаам ман бо умед,
То нагардам, то нагардам ноумед.

Зиндаву ҷовид бошӣ, эй диёр!
Эй диёри обшори зарнисор!

Мусоҳиб: капитани гвардия
Неъматуллои ХОЛИҚ

Раҳми парвардигори мо омад,
Нури ҳақ бар диёри мо омад.

Ҷанги бунёдсӯзи мо бигзашт,
Сулҳи бунёдкори мо омад.

Зиндагӣ сахттар зи мурдагӣ буд,
Ҳотифи зиндадори мо омад.

Кӯю барзан пур аз гадоён буд,
Фурсати шоҳкори мо омад.

Пири Канъоно, чашми ту равшан!
Юсуфи дилфигори мо омад.

Мурдаҳо норизо зи мо буданд,
Фотиҳа бар мазори мо омад.

Чор сӯ буд тирборонҳо
Яке тири барори мо омад.

Ахтари наҳс аз сари мо рафт,
Ахтари саъд ёри мо омад.

Аз сари мо хазонфишон бигзашт,
Гулфишони баҳори мо омад.

Кӯҳсоро, бибахш пастии мо,
Нангу ному виқори мо омад.

Ҳоли зору низори мо бигзашт,
Вақти ҷуду нисори мо омад.

Ҷанги девонавори мо бигзашт,
Сулҳи деринтизори мо омад.

Лоиқ Шералӣ

7.01.1997 – Душанбе

ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ВА АҲАМИЯТИ МИЛЛИВУ БАЙНАЛМИЛАЛИИ СУЛҲИ ТОҶИКОН

Сулҳу ваҳдати миллӣ – заминаи бунёдии давлати соҳибистиқлол

Имсол мардуми шарафманди тоҷик 25-солагии Рӯзи Ваҳдати миллиро дар фазои сулҳу суботи комил ва бо шукргузорӣ аз сиёсати сулҳҷӯёнаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо шукӯҳу шаҳомати хос таҷлил менамояд. Зеро маҳз дар ҳамин санаи таърихӣ, яъне 27 июни соли 1997, бо талошҳои фарзанди фарзонаи миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар кишвар ба даст омад.

Сулҳу ваҳдати миллӣ барои давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон неъмати бебаҳое мебошанд, ки бо саъю талошҳои мардуми тоҷик ба даст омадааст ва дар меҳвари бунёдии ин дастоварди бузурги таърихӣ заҳматҳои бесобиқаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши калидиро доро мебошад.

Аслан, вожаҳои сулҳу ваҳдат барои ҳар як миллат мафҳуми муқаддасу гаронарзиш маҳсуб меёбанд. Дар тамоми давраҳои таърихӣ мардуми тамаддунофари тоҷик маҳз бо ваҳдату фарҳанги воло бақои худро таъмин кардааст. Дар замони соҳибистиқлолии кишвар ин вожаҳо муҳимияти хоссаро касб намуда, ифодагари ваҳдату ягонагии кулли мардуми Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд.

Сулҳу ваҳдати миллӣ барои мардуми тоҷик дар баробари Истиқлолияти давлатӣ неъмати бебаҳо ва муқаддасу арзишманд ҳастанд. Ҳар як фарди тоҷик бояд фаромӯш насозад ва ифтихорманд аз он бошад, ки миллати тоҷик таърихан ва табиатан сулҳдӯст, фарҳангпарвар, тамаддунофар ва созандаю бунёдкор мебошад. Таърих ва ҷомеаи ҷаҳонӣ бори дигар исбот намуд, ки халқи тоҷикро дар масири айём ҳамчун миллати куҳанбунёд, бонангу номус, бохираду адолатхоҳ, бунёдкору заҳматкаш ва дорои хиради азалӣ эҳтирому эътироф менамоянд.

Вобаста ба ин, сулҳу ваҳдат беҳтарин неъмат, ҳаёти осоиштаи инсон, орзуву ормон, таҳкими давлатдорӣ, наҷотбахши миллат ва ҳастии инсон дар ҳар давру замон мебошад.

Маҳз ба шарофати пойдорӣ ва танинандозии сулҳу ваҳдати миллӣ дар ҷомеа ҳувияти миллӣ, асолати миллӣ, андешаи миллӣ ва худогоҳиву худшиносии миллӣ побарҷо гардида, ифтихори миллии ҳар як фарди ҷомеа беш аз пеш эҳсос мешавад. Устувории сулҳу суботи миллӣ, эҳсоси баланди масъулиятшиносӣ, муттаҳидии неруи созандаву бунёдкорона, иқдомҳои неку навоварона ба хотири эъмори ҷомеаи, воқеан, мутамаддин, демокративу ҳуқуқбунёд равона гардида, дар ин росто пойдории арзишҳои болозикр вазифаи аввалиндараҷаи ҳар соҳибватан маҳсуб меёбад.

Ҳамин тариқ, бояд иброз намуд, ки сулҳу ваҳдати миллӣ барои халқи тоҷик ба сифати неъмати бебаҳои наслҳои имрӯз ва оянда пазируфта шуда, дар ин бобат асолати таърихиро нисбат ба заҳмату талошҳои бесобиқаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳеҷ гоҳ набояд фаромӯш сохт. Зеро пос доштани марҳилаҳои муҳим ва тақдирсози миллату давлати тоҷик ва шахсиятҳои таърихиву ватанпарвари он ҳуд посдории гузашта, имрӯз ва фардои давлатро ифода менамояд.

Аҳамияти миллӣ ва байналмилалии сулҳи тоҷикон

Қобили зикр аст, ки консепсияи сулҳофарӣ ва ба даст овардани ваҳдати миллии тоҷикон бо сарварии бевоситаи фарзанди фарзонаи миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои аҳли ҷомеаи ҷаҳонӣ ба сифати намунаи нобиғавии сулҳпарварӣ ва давлатсолорӣ пазирӣ гардидааст. Албатта ба ин натиҷаҳо расидани халқи тоҷик бо заҳмату меҳнати шабонрӯзии Пешвои муаззами миллат ва дастгирии ҳамаҷонибаи ин сиёсати хирадмандона рӯйи кор омадааст.

Таҷрибаи ба даст овардани сулҳ миёни тоҷикон на танҳо аҳамияти миллӣ, балки байналмилалӣ дорад. Зеро чунин раванд ба сифати мисоли беназир барои ҳаллу фасли мушкилоти сулҳу ваҳдати миллии мамолики минтақаҳои гуногун мусоидат карда метавонад.

Марҳилаҳои муҳими таҷрибаи сиёсати сулҳҷӯёнаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷодаи таъмини сулҳу ваҳдати миллӣ дар мавриди ба Ватан ва макони зисти доимӣ баргардонидани шумораи зиёди гурезаҳо, инчунин, ташкили ҳамгироии иҷтимоии онҳо аз тарафи ташкилоту созмонҳои бонуфузи минтақавию байналмилалӣ воқеъбинона арзёбӣ шуда, ҳамчун намунаи нодири сулҳофарӣ эътироф гардидааст. Пажӯҳиши ҳамаҷониба ва гуногунҷабҳаи ин таҷриба имконият медиҳад, ки ҳарчи зудтар пеши роҳи сар задани ҳама гуна равандҳои манфии дохилидавлатӣ ва минтақавӣ роҳи ҳалли худро пайдо намояд.

Бунёди сулҳу ваҳдати миллӣ дар меҳвари Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҷиҳати расидан ба соҳибистиқлолии комил барои ҳар як давлат равандҳои гуногуни сиёсӣ ва ҳуқуқӣ нақши калидӣ мебозад. Дар давлатдории навини Тоҷикистон барои поягузорӣ намудани сулҳу ваҳдати миллӣ ва якдиливу заминагузории ормонҳои наслҳои минбаъдаи халқу миллати тоҷик нақши меҳвариро маҳз Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро кардааст.

Баргузории ин Иҷлосияи таърихӣ ва қарорҳои тақдирсози он маҳз дар амалӣ гардидани бунёди сулҳу ваҳдати миллӣ дар кишвар заминаи воқеӣ гузоштанд. Иҷлосия ҳадафҳо ва самтҳои стратегии рушди минбаъдаи давлати Тоҷикистонро эълон кард. Эъмори давлати ҳуқуқбунёду демократӣ, ки роҳи асосии инкишофи ҷомеа интихоб гардид, яке аз муҳимтарин арзишҳои сулҳофарии Пешвои миллат маҳсуб мешавад. Дар ҳамин Иҷлосия, ҳамчунин, арзишҳои сулҳофарӣ, ба мисли риояи ҳуқуқҳои инсон, волоияти қонун, қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ваҳдати иҷтимоӣ, масъулияти шаҳрвандӣ ва ғайра аз ҷумлаи вазифаҳои асосӣ муайян гардиданд.

Иҷлосия ҳамчун нуқтаи гардиши куллӣ дар ҳаёти сиёсии мамлакат ҷиҳати пайдоиш ва ташаккули ин арзишҳо нақши ҳалкунанда гузошта, ҳамзамон, дар таъмину таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, эъмори давлати соҳибистиқлолу дунявии Тоҷикистон мақоми бунёдӣ дорад.

Чунин тадбирҳо тавонистанд заминаи таъмини сулҳу ваҳдати миллӣ, ҳаёти осудаҳолонаи одамон, ҳифз ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, фаъолияти босамари мақомоти давлат, гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва рушди минбаъдаи ҷомеа гарданд.

Дар Иҷлосия санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла қонунҳо дар бораи авфи умум, гурезагон, имтиёзҳо барои маъюбони ҷанги шаҳрвандӣ ва оилаҳое, ки саробони хешро аз даст додаанд, қабул карда шуданд.

Ба шарофати Иҷлосия минбаъд дар ҷумҳурӣ парламенти касбӣ ба вуҷуд омад. Фаъолияти пурсамари Иҷлосияи таърихӣ бо қабули қонунҳо ва қарорҳои воқеъбинона ба фаъолияти минбаъдаи мақомоти қонунгузории мамлакат дар солҳои таъмини сулҳу ваҳдати миллӣ ҷиҳати таҳкими асоси иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давлат заминаи боэътимод гузоштанд.

Ҳамин тавр, дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз як тараф мустаҳкам намудани асосҳои ҳуқуқии ҳаёти ҷомеа ва давлат, таъмини волоияти қонун, эъмори давлати ҳуқуқбунёди демократӣ, аз тарафи дигар, риояи принсипҳо ва талаботи пазируфтаи ҳуқуқи байналмилалӣ чун ҳадафҳои стратегӣ ва самти муҳими сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон эълон мешаванд.

Дар ин Иҷлосияи таърихӣ давлати Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ эълон намуд, ки ҷонибдори роҳи қонунии инкишофи минбаъдаи ҷомеа, арзишҳои волои ҳуқуқӣ, ба роҳ мондани муносибатҳои тарафайн бо ҳамаи кишварҳои олам дар асоси принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад. Ин иқдоми неки роҳбарияти давлати Тоҷикистон, пеш аз ҳама Сарвари тозаинтихобшудаи он Эмомалӣ Раҳмон аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ, парламентҳо, мақомоти дигари давлатҳои олам ва созмонҳои байналмилалӣ мақбул дониста шуд.

Саҳми бунёдии Пешвои миллат дар эҳёи сулҳу ваҳдати миллӣ ва рушди минбаъдаи давлат

Эҳёи сулҳ ва ба даст овардани ваҳдати миллӣ дар мамлакати мо нақш ва мақоми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бисёр бузург арзёбӣ карда мешавад, ки ҳолати мазкурро мо аз дастовардҳои муҳими сатҳи давлатии дар партави Истиқлолияти давлатӣ бавуҷудомада дар тамоми самтҳои ҳаёти ҷамъиятӣ баръало мушоҳида менамоем.

Дар баробари ин, бо саъю кӯшишҳои пайвастаи Пешвои муаззами миллат тамоми робитаҳои минтақавӣ ва байналмилалии кишвари соҳибистиқлоли мо таъмин гардид ва ин гувоҳи он буд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонистааст бо сарварии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сулҳу ваҳдати миллӣ, соҳибистиқлолӣ ва соҳибихтиёрии давлатии худро комилан ба даст оварад.

Қобили зикри хос аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои давлати муосири Тоҷикистон нақши бунёдиро дорад, ки хизматҳои наҷотдиҳанда ва созандаи ӯ дар соҳаҳои сиёсати давлатӣ, тарҳрезии низоми ҳуқуқӣ, шаклгирии иқтисодиёти миллӣ, таҳияи низоми адолати иҷтимоӣ, ҳифз ва рушди фарҳанги пурғановат ва дигар ҷанбаҳо баръало мушоҳида мегарданд.

Лозим ба таъкид аст, ки то ноил шудан ба сулҳу ваҳдати миллӣ ва ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ – 27 июни соли 1997 муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Роҳбари давлат 80 маротиба муроҷиатнома, хитоба, суханрониҳои расмӣ, мусоҳибаҳову табрикот карда, дар ҳамаи онҳо бевосита аз дӯстӣ ва сулҳу ваҳдати миллӣ ёдовар шуда, мунозираю ҷангро маҳкум сохта, кӯшиши муттаҳид кардани миллатро пайваста думболагирӣ намудааст.

Нахустин қонунҳои қабулнамудаи Иҷлосия маҳз ба масъалаи сулҳи ҳамагонӣ ва ваҳдати миллӣ овардани мардуми Тоҷикистон ихтисос ёфта буданд. Қонунҳо «Дар бораи гурезагон», «Дар бораи Рӯзи сулҳ ва ризоияти миллии халқи Тоҷикистон эълон кардани 26 ноябри соли 1992» бо вуҷуди он, ки баъдан ба мушкилӣ мувоҷеҳ шуданд, дар асл баёнгари

сиёсати роҳбарияти нави Шӯрои Олӣ мебошанд, ки ба сулҳ ва ваҳдати мардуми кишвар бахшида шуда буданд.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз баъд аз 23 рӯзи интихоб шудани ҳуд дар Муроҷиатнома ба халқи шарифи Тоҷикистон гуфта буданд: ***«Бародарон ва хоҳарони азиз! Ҳамватанони муҳтарам! Ман ба ҳар яки шумо, ки ворисону фарзандони барӯманди тоҷик ҳастед, бовар мекунам. Ман қасам ёд мекунам, ки тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои гулгулшукуфии Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам. Барои ноил шудан ба ин нияти муқаддас, агар лозим шавад, ҷон нисор мекунам, чунки ман ба ояндаи неки Ватанам ва ҳаёти хушбахтонаи халқи азиятакашидаам бовар дорам».***

Ин аст, ки Пешвои муаззами миллат, қадам ба қадам, ҳар лаҳза ва ҳар замон ба умеди сулҳу ваҳдати миллӣ, ба нияти субот амал мекарданд ва танҳо чунин шахс, чунин роҳбар қудрате дошт, ки сулҳу оромии мардумро дар як муддати кӯтоҳ таъмин созад. Танҳо ҳамин дастовард қодир аст, ки ба ӯ ҳамчун як қаҳрамон ва наҷотбахши миллату давлати тоҷик арзи эҳтиром намоем!

Ҳамин тавр, роҳи тайкардаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои халқи тоҷик ҳамчун шахсияти барҷастаи таърихии миллат дар он зоҳир мегардад, ки ӯ дар бунёди низоми давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол, барқарорсозии сохти конституцсионӣ, ба даст овардани сулҳу ваҳдати миллӣ саҳми беназир гузошта, дар эъмори давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ нақши арзанда дошта, миллатро аз парокандагӣ, давлатро аз нестшавӣ ва халқро аз ҷанги шаҳрвандӣ раҳо сохта, дар рушди сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва таърихиву фарҳангии давлати мустақили Тоҷикистон хизматҳои бузурги тақдирсоз намудааст. Воқеан:

Номус парчамат шуд, бас ёди нанг кардӣ,
Дар роҳи сулҳи миллат бо ҷанг ҷанг кардӣ.
Садҳо гирех кушодӣ пайваста қалбҳоро,
Бо меҳр сад баҳалро холӣ зи санг кардӣ.
Номи туро нависем, эй қаҳрамони Ваҳдат,
Бо оби ноби тилло дар тоқи Қасри миллат.

Эмомалӣ НАСРИДДИНЗОДА,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор, узви вобастаи
Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон

Бознашр аз АМИТ «Ховар»

Омодагиҳо ба давраи тобистонаи таҳсил

Дар асоси нақшаи асосии фаъолияти Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли равон дар ҳама самтҳои хизмат тайёрӣ ба давраи тобистонаи соли хониш оғоз гардид. Масъулини қисмҳои ҳарбӣ нақшаи чорабиниҳоро омода карда, пеш аз ҳама корҳои ободониро дар макони ҷойгиршавӣ ва ҳудуди шаҳракҳои ҳарбӣ анҷом доданд. Ҳамчунин, тибқи нақшаи раёсати ақибгоҳи фармондеҳӣ таъмир, рангу бор кардани майдонҳои сафороӣ, тактикӣ, варзишӣ, нуқтаҳои назорати гузаргоҳӣ, хобгоҳу ошхона ва дигар мавзеи пешбарии хизмат анҷом дода шуд. Ҳарчанд зимистон ҳам як моҳ барои тайёрӣ ба давраи таҳсил ҷудо шудааст, вале амалӣ кардани корҳои сохтмонӣ дар зимистон мувофиқи мақсад нест. Аз ин рӯ, роҳбарияти Гвардияи миллӣ кӯшиш мекунад, ки бештари корҳои таъмиру навсозӣ пеш аз давраи таҳсили тобистона ба сомон расонда шаванд.

Қисмати дигари тайёрӣ ба давраи таҳсили тобистона омода намудани заминаи таълим мебошад. Чун ҳамешагӣ ҷузъи асосии ин чорабинӣ барои ҳар як командири қисми ҳарбӣ тайёр намудани воситаҳои айёнӣ, ҷадвали дарсӣ, нақша- конспект ва дигар дастурҳои таълимӣ ба шумор меравад, ки ҳайати фармондеҳӣ ба он диққати махсус медиҳад. Мутаҳаққиқии нақшаҳо, сатҳи тайёрии қисмҳои ҳарбӣ ба давраи таҳсил аз тарафи Раёсати тайёрии ҷангӣ ва мушовирони фармондеҳи Гвардияи миллӣ мавриди санҷиш қарор дода шуд.

Ҳамчунин дар ин муддат бо мақсади баланд бардоштани маҳорату малакаи касбии командирони сатҳу зинаҳои гуногун ва ҳайати роҳбарикунандаи ҷузъу томҳо гузаронидани ҷамъомадҳои таълимӣ-усулӣ, машғулиятҳои назариявию амалӣ ва машқҳои намоишӣ ба нақша гирифта шудааст. Қобили зикр аст, ки ҷамъомадҳои таълимӣ - усулӣ яке аз чорабиниҳои муҳиме мебошанд, ки пеш аз саршавии давраҳои таҳсил бо ҳайати роҳбарикунандаи ҷузъу томҳо: командирони қисмҳои ҳарбӣ, муовинони онҳо дар самтҳои фаъолият ва дигар ҳайати роҳбарикунандаи ҷузъу томҳо гузаронида мешавад. Ин самти омодагӣ барои такмили ихтисос, расондани талаботи нав ва ё иловагӣ, пешниҳоди таҷрибаи пешқадам муфид буда, ҳамчунин бо ин восита сатҳи донишу пешбарии хизмат дар ҷузъу томҳо муайян карда мешавад. Дар ин асос аз 10 июн ҷамъомадҳои таълимиро раёсат оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ оғоз намуд. Ҷамъомад муддати ду рӯз бо муовинони командирони қисмҳои ҳарбӣ оид ба корҳои сиёсӣ- тарбиявӣ ва афсар-рӯҳшиносони қисмҳои ҳарбӣ таҳти роҳбарии бевоситаи муовини фармондеҳи Гвардияи миллӣ оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ полковники гвардия Собириён Муҳаммаднаим гузаронида шуд. Ҷамъомад мавзӯъҳои муҳими рӯз, аз ҷумла, мувофиқшавии наваскарон ба хизмати ҳарбӣ, амнияти иттилоотӣ ҳамчун омили таъмини амнияти миллии Тоҷикистон, воқеияти геополитикии олами муосир ва тафсири моддаҳои дорои хусусияти иқтисодии коррупсионидоштаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар гирифт, ки аз ҷониби масъулини раёсат оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ, устодони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ Х. Холов, муаллими калони кафедраи психология Ҷ.Ҷӯрабоев ва намояндаи Прокуратураи ҳарбӣ полковники адлия Аломат Бобоева гузаронида шуд.

Ҷамъомади таълимии масъулини аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ бештар амалӣ дар заминаи қисми ҳарбии 051057, таҳти назорати муовини соҳавӣ генерал-майори гвардия Самарзода Қиёмиддин Шароф гузаронида шуд. Мавзӯъҳои ҷамъомад аз тарафи афсарон-мутахассисони самти аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ дар навбати аввал назариявӣ ва бо аслиҳаву техникаҳои ҳарбӣ амалӣ доир карда шуд. Тартиби гузаронидани дарсҳо барои санҷиши донишу маҳорати масъулин мусоидат карда, аз фаъолияти ҳамарӯзаи ҷузъу томҳо гирифта шуданд. Ҳамчунин дар ҷамъбасти ҷамъомад вазифаҳои масъулини самти аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ дар нимаи дуюми соли хониши 2022 муайян карда шуд.

Таъминоти ҷузъу томҳо бо озуқаворӣ, амволи шаъйӣ ва ташкилу ба роҳ мондани корҳои хоҷагидорӣ аз хадамоту шуъбаҳо ва масъулини ақибгоҳ вобастагии зиёд дорад. Аз ин рӯ, мавзӯъҳои асосии ҷамъомади таълимӣ-усулии Раёсати ақибгоҳи фармондеҳӣ ба воситаҳои техникии ошхонаҳои саҳроӣ, намуд ва истифодабарии онҳо, ташкил ва пешбарии хоҷагидории ротавӣ дар самти хадамоти амволи шайъӣ, ташкили фаъолият ва таъминоти соҳавӣ бахшида шуд.

Дар охири ҷамъомад ҳар як самти хизмати ҳарбӣ вобаста ба фаъолияташон дар назди фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз натиҷаҳои шашмоҳи аввали соли хониши 2022, ҳисобот доданд.

Чунин ҷамъомадҳои таълимӣ бо командирони қисмҳои ҳарбӣ, сардорони ситод, муовинони командирон оид ба тайёрии ҷангӣ ва дигар самтҳои хизмати ҳарбӣ дар заминаҳои таълимии қисмҳои ҳарбӣ гузаронида шуд.

Полковники гвардия
Хайринисо КОМИЛЗОДА

Аз фаъолияти КВД «Хоҷагии ёрирасон» -и Гвардияи миллӣ

Заминро як фоиз фиреб кардӣ, даҳ фоиз фиреб медиҳад.

Ҳоҷӣ Неъмат

Соли 2022 барои хоҷагидорон дар тамоми манотиқи ҷумҳурӣ соли барору комёбӣ гардид. Ҳосил дар замин, аз ҷумла дар боғу токзор, полезҳо хеле фаровон аст. Сермаҳсул будани сол аз растаҳои пурмеваву рангорангии бозор ҳам маълум мешавад, ки чашму ҳуши касро мебарад. Ба гуфти мардум имсол пиру ҷавон ҳама аз гелосу олу, себу шафтолу шикамсерӣ хӯрданд.

КВД «Хоҷагии ёрирасон» -и Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт чӣ корҳоро анҷом дода, ба дастурхони сарбозон аз анвои меваҳои тобистон чӣ пешниҳод намудааст?

-То имрӯз хоҷагидорон дар масоҳати 220, 16 га картошкаву пиёз, карам, лаблабуи сурху сафед, сабзӣ, помидор, бодиринг, боимҷон, қаламфури булғорӣ, сирпиёз, каду, навъҳои кабудӣ, шолӣ, ҷуворимакка, заҳер, гандум, беда, нахуду наск, лубиё коштаанд, ки хеле хуб нашъунамо дорад. Аз ин номгӯ танҳо пиёзро, ки дар масоҳати 1,80 га кишт шудааст, ба миқдори 38 тон ҷамъоварӣ карданд. Ҷамъоварии картошка ва сабзӣ аknun оғоз гардид. Маҳсулоти сабзавоту полезӣ низ пухта расидааст ва чуноне ки сардори хоҷагӣ полковники гвардия Шодизода Фарҳод маълумот дод, аз 10 июл ҷамъоварии ҳосил сар мешавад. Умед аст, ки хӯроки сарбозон боз ҳам сергизову хуштаъм ва дастурхонашон аз меваву сабзавот фаровон мегардад.

«Хоҷагии ёрирасон» - и Гвардияи миллӣ боғи себу ангур ҳам дорад ва чуноне ки гуфтем аз ҳосили хуб ҳама дарахтон сарҳаму пурборанд. Масъулин маълумот доданд, ки аз нақшаи пешбинишуда барзиёд ҳосил ҷамъоварӣ мекунанд. Мо ба гуфтаву ваъдаҳои эшон бовар дорем, зеро ба чашми худ дидем, ки чи хел дарахтони олуча қад-қади роҳ пухтаву рехта, хушкидаанд. Ба ин нигоҳ накарда, шохаҳои дарахти олу аз дур гоҳ сурху гоҳ зард хеле зебо ба назар мерасанд. То имрӯз 200 кило себ хушк кардаанд ва кор дар ин самт идома дорад.

Чуноне ки медонем, хоҷагӣ чорвои калону майда низ дорад. Хошоку беда ва дигар хӯроки чорво аз заминҳои назди КВД ҷамъоварӣ мешавад. Айни замон гурӯҳе аз ҳайати шахсӣ ба ҷамъ кардани алафҳои худруй машғуланд, ки дар ҳудуди «Хоҷагии ёрирасон» хеле зиёданд.

-Сол дар ҳақиқат ҳам хуб омадааст. Танҳо таъминоти саривақтӣ бо об, нуриҳои минералӣ ва қувваи иловагии корӣ зарур аст, ки натиҷаҳо боз ҳам беҳтар шаванд,-гуфт сардори хоҷагӣ Фарҳод Шодизода.

Муассис:
Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

сомнаи расмӣ: www.gmjt.tj
E-mail: gmjt.info.tj@mail.ru

Оғози нашр:
25 январи соли 2006

Ҳайати таҳрир:
Сардори шуъбаи иттилоот ва робита бо ҷомеа полковники гвардия Хайринисо Комилзода, Неъматуллои Холиқ, Илоҳиҷон Насриддинзода, Саодат Сатторова - хабарнигорон.

Мушовирон:
Фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-лейтенанти гвардия Бобоҷон Ҷамолзода, раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон Раҳмонзода Абдулло Курбоналӣ, муовини раиси Ҳаракати ҷамъиятии вахдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон Рудобаи Мукаррам.

Идораи моҳнома ба андешаҳои муаллифони маводҳо на ҳама вақт ҷонибдор аст. Масъулияти сахеҳии санаду иқтибосҳо ба зиммаи муаллифон аст. Маводҳо аз АМИТ «Ховар» истифода шуданд.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 706 аз 20 январи соли 2006 ба қайд гирифта шудааст.

Дизайн: А. Насриддинов

Суратгир: М. Шоев

Адади нашр: 500 нусха